# Шарҳи моҳонаи таваррум • МАРТИ 2024

**Сатҳи таваррум[1] дар моҳи марти соли 2024 0,8 фоизро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,1 банди фоизӣ (б.ф.) кам мебошад.**

Дар моҳи мазкур болоравии сатҳи нархҳо асосан аз ҳисоби афзоиш ёфтани нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 0,9 фоиз (саҳм дар таваррум 0,5 б.ф.), молҳои ғайрихӯрокворӣ 0,4 фоиз (0,1 б.ф.) ва хизматрасониҳои пулӣ 1,2 фоиз (0,2 б.ф.) ба амал омад.

Ба болоравии сатҳи нархҳо дар моҳи баррасишаванда асосан омилҳои мавсимӣ ва зиёд гардидани талабот ба молу маҳсулоти асосӣ бинобар таҷлил намудани ҷашнҳои миллӣ таъсири худро расониданд.

Дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ дар моҳи март асосан афзоишёбии нархи лиму 9,2 фоиз, себ 6,3 фоиз, карам 4,7 фоиз, сабзӣ 3,4 фоиз, нок 2,6 фоиз, ангур 1,6 фоиз, гушти гӯсфанд 1,4 фоиз, пиёз 1,3 фоиз, гушти гов 1,1 фоиз, картошка 0,8 фоиз, биринҷ 0,8 фоиз, равғани офтобпараст 0,7 фоиз, шакар 0,5 фоиз, равғани пахта 0,4 фоиз ва ғайра ба амал омад.

Ҳамзамон дар моҳи мазкур пастравии нархи баъзе аз маҳсулотҳои хӯрокворӣ, аз ҷумла банан 3,3 фоиз, помидор 2,8 фоиз, ҷигари гов 1,5 фоиз, бодиринг 0,4 фоиз ва ғайра ба амал омад.

Аз молҳои ғайрихӯрокворӣ бошад, дар моҳи баррасишаванда бештар қиматшавии нархи маводи сӯзишворӣ аз ҷумла гази моеъ 1,0 фоиз, сӯзишвории дизелӣ 0,9 фоиз, маводи шустушӯӣ 0,7 фоиз ва бензини АИ -92 0,5 фоиз мушоҳида гардид.

Нарху тарифаҳои хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ бошад, асосан дар натиҷаи қиматшавии нархи хизматрасониҳои газ 0,9 фоиз, хизматрасонии маишӣ 0,4 фоиз ва нақлиёт 0,2 фоиз ба вуқӯъ пайваст.

**Таваррумӣ моҳона ва солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таваррумӣ солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Сатҳи таваррум дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа (бо фоиз)**
(манбаъ: Мақомоти омори давлатҳо)

| Кишварҳо | Таваррумӣ моҳона (марти с.2024) | Таваррум январ - марти с.2024 | Таваррумӣ солона (марти с.2024) |
|---|---|---|---|
| Туркия | 3,2 | 15 | 68,5 |
| Тоҷикистон | 0,8 | 1,6 | 3,6 |
| Қазоқистон | 0,7 | 2,6 | 9,1 |
| Беларус | 0,5 | 2,2 | 5,6 |
| Россия | 0,4 | 2,0 | 7,7 |
| Қирғизистон | 0,3 | 1,2 | 5,2 |
| Гурҷистон | 0,0 | 0,3 | 0,5 |
| Арманистон | -0,2 | 0,3 | -1,2 |

Тибқи маълумоти омори расмӣ сатҳи таваррум дар моҳи марти соли 2024 дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа, аз ҷумла дар Туркия 3,2 фоиз, Қазоқистон 0,7 фоиз, Беларус 0,5 фоиз, Россия 0,4 фоиз, Қирғизистон 0,3 фоиз, ва Арманистон -0,2 фоизро ташкил намуд.

**Сатҳи таварруми солона бошад, дар моҳи марти соли ҷорӣ ба 3,6 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли қаблӣ бетағйир мебошад.**

Дар моҳи марти 2024 сатҳи таварруми солона дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа, аз ҷумла Туркия 68,5 фоиз, Қазоқистон 9,1 фоиз, Россия 7,7 фоиз, Беларус 5,6 фоиз, Қирғизистон 5,2 фоиз, Гурҷистон 0,5 фоиз ва Арманистон -1,2 фоизро ташкил менамояд.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи марти соли ҷорӣ 0,4 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона бошад, ба 1,8 фоиз баробар гардид.

**Бонки миллии Тоҷикистон татбиқи сиёсати пулию қарзиро ҷиҳати коҳиш додани таъсири омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум минбаъд низ идома хоҳад дод.**

**Таварруми аслии солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ




[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Намояи нархҳои истеъмолӣ (таваррумӣ солона бо фоиз)***

| | Вазн,% | 2022 | | | | | 2023 | | | | | 2024 | | | Март тағйирёбии моҳона, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Январ | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Январ | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Январ | Феврал | Март | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **7,8** | **7,3** | **8,3** | **5,7** | **4,2** | **4,3** | **3,6** | **2,4** | **5,1** | **3,8** | **3,8** | **3,6** | **3,6** | **0,8** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **48,9** | **6,8** | **7,2** | **9,6** | **7,9** | **5,2** | **5,3** | **4,3** | **1,1** | **5,8** | **3,4** | **2,9** | **2,5** | **1,8** | **1,0** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 11,9 | 4,8 | 11,0 | 24,6 | 13,0 | 4,7 | 2,5 | -2,6 | -8,7 | 2,3 | 6,4 | 7,9 | 8,3 | 7,6 | 0,3 |
| Биринҷ | 2,1 | -7,5 | -5,7 | -1,2 | 1,7 | 9,1 | 15,9 | 21,6 | 54,1 | 54,8 | 45,3 | 38,0 | 40,0 | 36,6 | 0,8 |
| Орд | 4,9 | 8,8 | 18,0 | 38,3 | 18,3 | 2,8 | -4,8 | -12,6 | -30,1 | -14,8 | -7,3 | -1,5 | -1,3 | -2,2 | 0,0 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 6,8 | 15,3 | 9,8 | 0,3 | -2,4 | -0,8 | 0,0 | -0,2 | 5,3 | 6,8 | 3,8 | 3,2 | 3,6 | 6,0 | 0,8 |
| Гӯшти гов | 2,4 | 15,1 | 7,7 | -4,9 | -8,5 | -4,8 | -3,6 | -2,5 | 6,5 | 9,3 | 5,7 | 4,9 | 6,4 | 9,0 | 1,1 |
| Тухм | 1,3 | -24,0 | -21,2 | -12,1 | 17,4 | 43,1 | 48,3 | 40,4 | 19,6 | 0,3 | -30,6 | -25,8 | -19,5 | -21,9 | 0,2 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 2,7 | 7,7 | 23,6 | 23,9 | 25,4 | 25,4 | 28,8 | 14,7 | 8,6 | 5,2 | 2,2 | 6,4 | 6,8 | 6,3 | 1,3 |
| Шир | 0,9 | 4,0 | 15,4 | 21,3 | 11,6 | 20,4 | 23,2 | 18,5 | 8,9 | 6,7 | 3,5 | 0,8 | 1,5 | 0,1 | 2,3 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 3,2 | 20,5 | 12,4 | 4,3 | -2,7 | -10,6 | -11,3 | -11,2 | -28,9 | -22,7 | -24,5 | -21,9 | -21,7 | -21,7 | 0,7 |
| Меваҷот | 3,3 | -6,6 | -8,3 | -6,1 | -8,8 | -6,9 | -5,8 | 1,5 | 13,9 | 28,8 | 33,1 | 34,0 | 35,0 | 28,2 | 2,4 |
| Сабзавот | 7,3 | 11,6 | 6,3 | 1,8 | 14,9 | 12,1 | 14,8 | 23,1 | 17,1 | 18,1 | 0,0 | -5,5 | -11,6 | -13,8 | 1,8 |
| Шакар | 1,6 | 4,3 | 6,9 | 22,0 | 12,0 | 6,2 | 2,0 | -9,1 | 8,3 | 18,2 | 27,6 | 29,9 | 32,8 | 32,9 | 0,5 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 2,2 | 0,6 | 2,6 | 5,5 | 14,6 | 14,0 | 13,4 | 13,1 | 10,9 | -5,2 | -3,8 | -11,6 | -10,1 | -8,1 | 3,0 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,0** | **3,3** | **3,3** | **3,5** | **6,7** | **5,5** | **6,0** | **6,7** | **6,5** | **2,7** | **5,7** | **10,4** | **9,7** | **9,0** | **-0,6** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,5** | **5,7** | **6,2** | **6,0** | **5,9** | **2,9** | **2,8** | **1,5** | **0,5** | **0,8** | **2,0** | **2,0** | **3,0** | **3,0** | **0,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **31,8** | **7,8** | **6,3** | **6,6** | **4,7** | **3,9** | **4,1** | **3,5** | **4,5** | **6,0** | **6,6** | **5,8** | **5,8** | **6,0** | **0,4** |
| Либос ва пойафзол | 9,6 | 3,2 | 2,4 | 3,4 | 2,5 | 4,0 | 4,1 | 4,3 | 5,5 | 7,3 | 6,0 | 5,4 | 5,2 | 5,1 | 0,1 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 1,1 | 6,8 | 7,8 | 8,3 | 7,9 | 3,8 | 4,2 | 2,9 | 5,8 | 5,4 | 5,5 | 4,8 | 4,6 | 7,4 | 2,9 |
| Маводи шустушӯй | 0,4 | 5,2 | 5,1 | 13,6 | 17,9 | 22,6 | 24,9 | 24,2 | 14,7 | 4,6 | -1,5 | -3,2 | -1,7 | -1,3 | 0,7 |
| Доруворӣ | 1,5 | 4,2 | 7,4 | 8,7 | 10,3 | 11,2 | 7,0 | 5,1 | 11,5 | 9,4 | 13,2 | 12,5 | 12,4 | 11,8 | 0,0 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 4,3 | 54,6 | 33,2 | 18,1 | -3,8 | -21,2 | -25,1 | -26,9 | -19,2 | -2,9 | 19,5 | 22,9 | 23,1 | 23,6 | 0,8 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 0,2 | 2,7 | 5,1 | 4,7 | 1,5 | -1,7 | 3,1 | 1,1 | -0,9 | -0,8 | 8,3 | 10,2 | 10,4 | 12,5 | -0,1 |
| Васоити нақлиёт | 0,6 | 4,0 | 1,5 | 1,5 | 1,6 | 1,1 | 0,1 | 0,1 | 0,7 | 13,2 | 12,7 | 12,6 | 12,7 | 12,7 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,7 | 4,1 | 3,2 | 3,1 | 4,9 | 5,4 | 5,3 | 4,8 | 3,7 | 3,5 | 2,5 | 2,4 | 2,3 | 3,4 | 1,1 |
| **Хизматрасониҳо** | **19,3** | **11,5** | **9,9** | **8,4** | **1,3** | **2,0** | **1,9** | **2,1** | **2,7** | **3,6** | **1,2** | **3,0** | **3,2** | **4,6** | **1,2** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 4,5 | 13,2 | 10,1 | 5,2 | -5,3 | 4,4 | 3,2 | 4,3 | 7,5 | 9,1 | 1,7 | 9,2 | 9,2 | 9,6 | 0,4 |
| Иҷорапулии манзил | 0,6 | -0,9 | 3,7 | 4,5 | 5,9 | 7,0 | 8,0 | 3,2 | 3,2 | 2,7 | 1,2 | 1,7 | 2,2 | 2,2 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 1,0 | 0,2 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,7 | 1,1 | 1,1 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 1,9 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 17,3 | 17,3 | 17,3 | 17,7 | 17,7 | 0,3 | 14,8 | 14,8 | 14,8 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,2 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 0,5 | 66,6 | 44,4 | 13,1 | -23,7 | -29,6 | -46,8 | -42,2 | -34,6 | -4,4 | 27,0 | 58,9 | 55,1 | 55,5 | 0,9 |
| Нақлиёт | 2,0 | 22,4 | 19,5 | 19,2 | 9,3 | -1,2 | 0,5 | -0,2 | -1,8 | -3,2 | -4,2 | -5,2 | -3,6 | -2,1 | 0,2 |
| Алоқа | 0,6 | -0,7 | -0,7 | -0,6 | -0,7 | -0,7 | 0,2 | 0,1 | 0,1 | 0,0 | 0,0 | -1,4 | -1,4 | -1,4 | 0,0 |
| Маориф | 1,5 | 8,2 | 8,2 | 8,3 | 0,7 | 1,4 | 1,4 | 1,3 | 1,2 | 3,6 | 3,1 | 3,6 | 3,6 | 3,6 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 2,6 | 0,3 | 1,1 | 2,1 | 2,1 | 2,0 | 1,9 | 1,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 3,5 | 3,7 | 3,7 | 0,0 |
| Маишӣ | 5,4 | 2,8 | 3,2 | 4,1 | 4,5 | 5,0 | 3,9 | 3,9 | 3,5 | 4,3 | 4,8 | 6,4 | 6,3 | 6,2 | 0,0 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи  Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо